№72 (2989)
10-уми октябри
соли 2020,
ШАНБЕ

QR-CODE
@ovozisamarqand
OvoziSamarqand
@OvoziSamarqand

Ватан саҷдагоҳи муқаддас аст!

Овози Самарқанд

Оғози нашр: 1-уми январи соли 1990

ISSN 2010-6688

E-mail: ovozisamarqand@umail.uz
http://www.ovozisamarqand.uz

Ақл ба мисли замин аст, эҳтиёҷ ба коштану нигоҳубин кардан дорад.

ПЕШГИРИИ ҚАРЗДОРӢ АЗ ГАЗИ ТАБИЙ ВА ИСТИФОДАИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ОН

Ҳолати имрӯзаи назорати истифодаи гази табий ва ҷорӣ кардани сохтори автоматикии ҳисоб кардани он, инчунин пардохти музди гази табиии истифодашуда бо иштироки ҳокими вилояту роҳбарони секторҳо ва мутасаддиёни ҶММ «Ҳудудгаз Самарқанд» муҳокима карда шуд.

Қайд гардид, ки гурӯҳи кории шӯъбаи ҳудудии «Узнефтгазинспексия» дар вилояти Самарқанд аз 29-уми сентябр то 6-уми октябр барои кам кардани қарздорӣ аз истифодаи гази табий ва пешгирии ғайриқонунии истифодаи он вазъи корро дар ин самт омӯхт. Дар рафти тадбир маълум шуд, ки танҳо 509 истеъмолчии яклухти шаҳри Самарқанд ҳамагӣ 3 миллиарду 310 миллион сӯм қарздории дебиторӣ доштаанд. Дар натиҷа 42 истеъмолчии яклухт аз шабакаи гази табий ҷудо карда шуданд, аз 198-тои онҳо 1 миллиарду 750 миллион сӯм рӯёнда шуд. Нисбати 17 истеъмолчии яклухти қарздор ба судҳои иқтисодӣ даъво – аризаҳо доданд. Инчунин, ҳолати истифодаи гази табий дар хонадони аҳолӣ ва пардохти музди онро омӯхта, ба 695 истеъмолчӣ додани гази табиӣ боздошта шуд, инчунин нисбати 40 нафари онҳо ба идораҳои суд даъво-аризаҳо доданд.

Дар давоми як ҳафта аз қарздорон 483 миллион сӯм ситонида шуд. Дар мулоқот ҳокими вилоят Э.Турдимов таъкид кард, ки масъулони соҳа ба муаммоҳое, ки аҳолӣ ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ роҷеъ ба таъминоти гази табий ва моеъ баён мекунанд, бояд алоҳида эътибор диҳанд. Аз ҷумла, хоҳиш кард, ки сабаби се моҳ боз ба сокинони маҳаллаи Файзи ноҳияи Пахтачӣ нарасонидани балонҳои гази моеъ ва дар хонадонҳои шоҳкӯчаи Алишер Навоӣ якбора паст шудани фишори гази табииро фаҳмонанд.

Дар давоми мониторинге, ки гурӯҳи кории ҳокимияти вилоят дар шахобчаҳои гази моеъ пуркунанда гузаронд, дар ҳафтаи мазкур нисбати пешина кам шудани шумораи аз сохтори ба таври автоматикӣ ҳисоб кардани назорати гази табий ва надодани он камтар мушоҳида шуда бошад ҳам, чунин ҳолат то ҳанӯз рӯй медиҳад. Аз 2-юми октябр ин ҷониб дар вилоят 34-то шахобчаи газпуркунанда аз сохтори назорати гази табий ва ҳисоби автоматикии истифодаи он баста шуд. Масъулон инро бо дар шаҳри Тошканд кор накардани дастгоҳи сервер эзоҳ доданд ва гуфтанд, ки ҳамаи маълумотҳо то 10-уми октябр аз нав барқарор карда мешавад.

Дар ҷараёни муҳокима таъкид гардид, ки ҳамаи шахсони юридикии шаҳрҳои Самарқанд ва Каттақӯрғон то 1-уми ноябр ба сохтори автоматикии нав пайваст карда мешаванд.

Тренинг

Журналист дар вазъиятҳои зиддиятнок чӣ гуна бояд амал намояд?

Ф.ШУКУРОВ

Аз ҷониби Маркази бозомӯзии журналистони Ӯзбекистон дар доираи лоиҳаи «Таъмин намудани осоиштагиву барқарорӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ» ва бо мақсади ноил гардидан ба тайёрнамоии маводи сифатнок дар давоми соли 2020, дар миқёси мамлакатамон гузарондани тренингҳо ба нақша гирифта шудааст. Тренингҳои мазкур таҳти унвонҳои «Журналистика дар вазъиятҳои зиддиятнок» ва «Инъикоси масъалаҳои терроризм ва экстремизм» дар вилоятҳои Ҷиззах, Самарқанд, Навоӣ ва Хоразм баргузор мегардад.

Ба муносибати пандемия дар шароити карантини ҷоригардида, тренингҳо дар шакли онлайн ташкил карда шуданд. Тренинги навбатӣ, ки барои вакилони ахбори оммавӣ ва ҷамъияти шаҳрвандии вилоятамон ба нақша гирифта шуда буд, дар меҳмонхонаи «Registon»-и шаҳри Самарқанд баргузор гардид.

Маълум, ки имрӯз аз ҷониби ВАО ва фаъолони ҷамъияти шаҳрвандӣ дар байни аҳолӣ дуруст фаҳмондани моҳияти терроризм ва экстремизми зӯроварӣ, ки ба мавҷудияти ҳамҷамъияти дунявӣ ва тараққиёти он таҳдид карда истодааст, яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Аз ин сабаб, ВАО ва фаъолони ҷамъияти шаҳрвандӣ тавассути фейк-хабарҳо, усулҳои фактчекинг роҳҳои муборизаи бар зидди терроризм, ҷиҳатҳои динии экстремизм ва радикализм, ки ба терроризм

Аксбардор Ҳ.ЭЛТОЕВ

бурда мерасонад, усулҳои «ба дом афтондан»-и гурӯҳҳои экстремистӣ, асосҳои қонунии муборизаи бар зидди терроризм дар Ӯзбекистон, зиддиятҳои динӣ барин масъалаҳои муҳимро бояд ба аҳолӣ фаҳмонанд. Барои ин бошад, дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва ВАО эҳтиёткорона равшан кардани хусусиятҳои ба худ хоси хавфи терроризм зарур мебошад.

Чунин масъалаҳоро аз худ намудани журналистон ва фаъолони ҷамъияти шаҳрвандӣ аҳамияти рӯзмарра дорад, зеро онҳо дар давоми фаъолияти худ масъалаҳои терроризм ва экстремизми диниву зӯровариро амиқ дарк мекунанд. Мақсади асосии лоиҳа низ аз он иборат аст, ки журналистон ва фаъолони ҷамъияти шаҳрвандӣ ба воситаи таҳлили масъалаҳои мазкур барои тайёр кардани маводи медиасаводхонии аҳолӣ маҳорати амалии заруриро дар худ ташаккул диҳанд.

Дар давоми машғулот тренерони Маркази бозомӯзии журналистони Ӯзбекистон, дотсенти факултаи журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ӯзбекистон Наргис Қосимова ва журналист Муҳайё Саидова бо усулҳои равшаннамоии мавзӯъҳо, муҳокимаҳои продакшен, машқҳои интеллектуалӣ, дар асоси кейсҳо бо гурӯҳҳои хурд кор кардан, саволу ҷавоб, гузаронидани посттести survey monkey ва ғайра бозомӯзиро шавқовар ва муфид гузаронданд. Иштирокдорон оид ба мавзӯъҳои рӯзмарра, мисли таърих ва типологияи терроризм ва зӯроварӣ, мавқеи нарратив ва контрнарратив, масъалаи гендер, муаммои занону кӯдакони аз лагерҳои Сурия баргашта, технология ва воситаҳои нав дар равшаннамоии вазъиятҳои зиддиятнок, бехавфии рақамӣ ва ҷисмонӣ, инқирози коммуникатсия, роҳҳои ба вуҷуд овардани контент дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаҳмиш ва маҳорати худро афзуданд.

Дар машғулоти тренинг ходими Садорати муборизаи бар зидди терроризм ва экстремизми СКД вилояти Самарқанд, капитани Шоҳислом Набиев ва имом-хатиби масҷиди ҷомеи «Лоҳутӣ»-и шаҳри Самарқанд Ӯткир Умирқулов маърӯзаҳои пурмӯҳтаво намуда, ба саволҳои ҳозирин ҷавоб гардонданд Лоиҳа аз ҷониби Иттифоқи Аврупо маблағгузорӣ карда мешавад.

Муаммо ва мулоҳиза

Баланд гардидани обрӯйи муаллим танҳо ба маош вобаста аст?

Бахтиёри ҶУМЪА

РАҲНАМОИ ҲАЁТ

Иззату ҳурмати табибон ва омӯзгорон аз давраҳои қадим инҷониб баланд буд. Соҳибони ин касбу кор аз тарафи халқ эътироф ва аз ҷониби давлат дастгирӣ мешуданд. Табибон саломатии инсонро посбонӣ карда, аз марг наҷот диҳанд, омӯзгорон рӯҳи насли наврасро табобат карда, илму дониш меомӯзонанд, ҷаҳонбиниашро васеъ сохта, ба ташаккули одобу ахлоқи ҳамида ёрӣ мерасонанд ва ба ҳаёти мустақилона омода месозанд.

– Ман дар оилаи муаллим ба воя расидаам, – мегӯяд сарвари Хона-музейи Ориф Гулхании Самарқандӣ Муқимҷон Орифӣ. – Бисёр гузаштагони мо муаллимӣ кардаанд. Падарам, Олимҷон Орифӣ, ки соли 1913 таваллуд шудааанд, яке аз поягузорони маорифи халқ будаанд. Дар маҳви бесаводии меҳнаткашон ҳисса гузоштаанд. Он кас бо Воҳид Абдулло якҷоя дар Омӯзишгоҳи педагогии мардона якҷоя хондаанд. Падарам нақл мекарданд, ки мо ҳам мехондему ҳам дар мактаб ба бачаҳо дарс медодем. Он солҳо обрӯйи муаллим дар байни халқ ниҳоят баланд ва эътибори давлат ҳам калон буд. Барои мо ошхонаҳои махсус ташкил карда буданд, ки ба 2 тин хӯрокҳои якуму дуввуму саввум мехӯрдем. Агар гӯсфанди нағз дар бозор 7 сӯм бошад, моҳонаи мо 350 сӯмро ташкил мекард. Одами бадавлат муаллим ба ҳисоб мерафт. Ба маъракаҳо равем, «муаллим омаданд», гуфта, аз ҷой хеста, моро аз пешгоҳи маърака мешинонданд. Ҳатто ҳар як падару модар мехост, ки духтараш ба муаллим ба шавҳар барояд...

(Давомаш дар саҳ. 3).

Бино ба ҳолати 1 -уми октябри соли 2020 (ғайр аз хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ) шумораи корхона ва ташкилотҳо ба 39 247 адад расид. Дар давоми 3 соли гузашта бошад шумораи он зиёда аз 17 039 -торо ташкил мекард.

Ҷавонон бо ёрии роҳбарони сектор бо кор таъмин мегарданд

Матн ва суратҳо
Б.МУСТАНОВ

Қӯшработ аз ноҳияҳои дурдасти вилоят ба шумор рафта, қисми зиёди ҳудуди он кӯҳсор ва хонадонҳои аҳолӣ парешон ҷойгир аст. Новобаста аз ин, дар ноҳия ҷавононе, ки тадбиркории худро ба роҳ монда, даромад ба даст меоранд, бисёранд. Роҳбари Ҷамъияти маҳдудмасъулияти «Работ политейшн»-и ноҳия Мирзоҳид Бекқулов аз зумраи чунин ҷавонони кордон мебошад. Ин соҳибкори ботадбир 6 нафар ҳамсолони худро бо кор таъмин кардааст. Онҳо 13 навъи қубури резиниро дар 16 намуди ҳаҷм истеҳсол мекунанд.

– Корхонаи мо бо ускунаҳои замонавӣ таҷҳизонида шудааст, – гуфт М. Бекқулов. – Корхона тавоноии дар давоми як сол аз нав коркард намудани 100 тонна гранула ва истеҳсоли маҳсулоти тайёрро дорад. Барои хариди технологияҳои зарурӣ, умуман ташкил кардани кор роҳбарони сектор ёрии калон расонданд. Бахусус, бо ёрии мутасаддиён аз Хазинаи «Ёшлар -келажагимиз» 260 миллион сӯм кредити имтиёзнок гирифтем.

ДАР ШАБАКАИ OVOZI.UZ МАВОДҲОИ ҶОЛИБРО ТАМОШО КУНЕД!

ДОИР БА МАСЪАЛАҲОИ ЗАНУ ДУХТАРОН ВА ҶАВОНОН СОХТОРИ НАВИ КОРӢ ҶОРӢ ГАРДИД

КОРҲОИ ГУЗОШТАНИ ҲИСОБКУНАКҲОИ «АҚЛНОК» 81,6 ФОИЗ ИҶРО ШУД

ИҶРОИ ЛОИҲАҲОИ МИНТАҚАҲОИ ХУРДИ САНОАТӢ БАРРАСӢ ГАРДИД

ТАШКИЛОТИ ТАЪЛИМИ ТОМАКТАБИИ НАВ БА ИСТИФОДА СУПОРИДА ШУД

ҲАР РӮЗ АЗ АХБОРИ МАМЛАКАТУ ҶАҲОН ТАВАССУТИ ШАБАКАИ OVOZI.UZ ХАБАРДОР ШАВЕД!

МУНОСИБАТ

Кай замин самаранок истифода мешавад?

Абдураҳим ҚУРБОНОВ,
депутати палатаи Қонунгузории Олий Мажлис, ҷонишини раиси Кумита роҷеъ ба масъалаҳои аграрӣ ва хоҷагии об

Ҳоло тамоми заминҳои ҷумҳурӣ 44 892,4 ҳазор гектарро ташкил мекунад. Майдонҳои замини хоҷагии қишлоқ воситаи асосии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмингари бехатарии хӯроквории мамлакат мебошад. Аммо аз сабаби самаранок истифода набурдани заминҳо, нишондиҳандаи сатҳи парвариши маҳсулоти кишоварзӣ дар баъзе ҳудудҳо кам аст.

Сабаби ин истифодаи бесамари замин ё надоштани малакаи истифодаи замин мебошад. Соли 2019 дар 257 ҳазор гектар замини 293 ҳазор гектар майдони ҳосилнокияш паст растаниҳои даромадовари гуногун кишт карда шуд. Дар 35 ҳазор гектар боғҳои интенсивӣ ва токзорҳои нав барпо гардид. 48 ҳазор гектар заминҳои бекорхобида ба кор андохта шуданд.

ДАР АСОСИ ФАРМОН ЧӢ ТАҒЙИР ЁФТ?

Бояд гуфт, ки таъмини истифодаи оқилона, босамар ва мақсадноки заминҳо, ҳифзи заминҳо, пурра татбиқ намудани Сохтори ягонаи кадастри давлатӣ дар ин самт аз вазифаҳои муҳимтарини ҳар як давлат маҳсуб меёбад. Имзо гардидани Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 7-уми сентябри соли 2020 **«Дар бораи чораҳо оид ба куллан такмил додани низоми пеш бурдани ҳисоби замин ва кадастрҳои давлатӣ»** таҳти рақами ФП-6061 дар ин самт қадами муҳим гардид.

Мувофиқи фармон аз 1-уми январи соли 2021 Вазорати кишоварзӣ ғайр аз хоҷагиҳои деҳқонӣ ва заминҳои наздиҳавлигӣ, аз болои истифода ва ҳифзи заминҳои кишоварзие, ки ба шахсони ҷисмонӣ ва юридикӣ, мақомот ва ташкилотҳои идораи давлатӣ, ҳокимияти маҳаллии давлатӣ ва мақомоти идораи хоҷагӣ, аз ҷумла, хоҷагиҳои ҷангал, хоҷагии об, ташкилотҳои мудофиа, ҳудудҳои табиии муҳофизашаванда ва муассисаҳои иҷтимоӣ низ назорати давлатиро татбиқ менамояд.

БАРТАРИИ ЛОИҲАИ НИЗОМ ДАР ЧИСТ?

Дар ин асос лоиҳаи қарори Девони Вазирон **«Дар бораи тасдиқи Низом дар бораи назорати давлатӣ аз болои истифодаи заминҳое, ки барои хоҷагии қишлоқ пешбинӣ шудаанд ва ҳифзи онҳо»** ба муҳокимаи умум гузошта шуд.

Дар низом ҳамкорӣ кардани мақомоти давлатӣ, аз ҷумла идораҳои ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти худидоракунандаи шаҳрвандӣ, инчунин, дигар ташкилотҳо бобати назорати давлатӣ аз болои истифодаи заминҳое, ки барои хоҷагии қишлоқ пешбинӣ шудаанд ва ҳифзи онҳо дар назар дошта шудааст.

Инчунин, дар назар аст, ки ҳокимияти маҳаллии давлатӣ ҳисоботи нозирони давлатӣ ва шахсони мансабдори шӯъбаҳои ҳудудии Вазорати кишоварзӣ оид ба татбиқи назорати давлатии истифода ва ҳифзи заминҳои кишоварзиро мешунаванд.

Дар лоиҳа зикр гардидааст, ки назорати давлатӣ аз болои истифодаи заминҳои барои хоҷагии қишлоқ пешбинишуда ва ҳифзи онҳо аз тарафи шахсони мансабдори Сарсадораи истифодаи босамари захираҳои замин, об ва метрологияи Вазорати кишоварзӣ, сарварони шӯъбаҳои истифодаи босамари замин ва ҷойгирсозии оқилонаи киштҳои хоҷагии қишлоқи Садоратҳои кишоварзии Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва вилоятҳо ва шӯъбаҳои ноҳиявии онҳо сурат мегирад.

ҶАВОБГАРӢ НИЗ ПЕШБИНӢ ШУДААСТ

Амал накардан ба нишондод, пешниҳод ва дигар ҳуҷҷатҳо доир ба татбиқи назорати давлатӣ роҷеъ ба истифода ва ҳифзи заминҳои кишоварзӣ, ки аз тарафи нозирони давлатӣ тақдим карда мешавад, инчунин дахолати беасос ба фаъолияти нозирон ва халал расонидан ба корбарии онҳо манъ аст ва дар ҳолати таъсир расонидан мутобиқи қонунмандӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Иҷрои қарорҳое, ки Вазорати кишоварзӣ дар доираи салоҳияти худ дар бораи назорати давлатӣ аз болои истифода ва ҳифзи заминҳои кишоварзӣ қабул кардааст, барои вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо, шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмонӣ ҳатмӣ мебошанд.

Хулоса, қабули Низоми мазкур дар баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин, пешгирии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ба мақсадҳои дигар, хусусан заминҳои обёришаванда, барқарорсозии назорати пурзӯр дар ин самт, инчунин дар асоси сохтори муайян татбиқсозии баҳисобгирии фонди замини ҷумҳурӣ нақши муҳим мебозад.

ЯК ФАКТ!

Майдони умумии заминҳои барои кишоварзӣ пешбинишудаи мамлакат **20236,3** ҳазор гектарро ташкил мекунад. Аз он заминҳои корам **3988,5** ҳазор гектар, дарахтзорҳои бисёрсола **383,1** ҳазор гектар, заминҳои нокорам **76** ҳазор гектар, янтоқзор ва чӯл **11028,3** ҳазор гектар ва дигар навъи заминҳо **4760,4** ҳазор гектар мебошад.
Дар солҳои **2020-2030** дар кишвар барои ба заминҳои обёришаванда табдил додани **1111723** гектар замин анҷом додани корҳои сохторӣ ба нақша гирифта шудааст.

Кӯчаи Рӯдакӣ қиёфаи нав мегирад

Васегии роҳи мазкур 24 метрро дар бар гирифта, дучониба аз 3 қатор, 7 метр барои трамвай, 2 метр барои велосипед, 7 метр барои пиёдагард бунёд шуда истодааст. Дар ду тарафи роҳ 3 метр майдончаи сабз бунёд гардида, барои манзара гулҳо ва дарахти ясин мекоранд.

Корҳои ободонӣ аз ҷониби роҳсозони корхонаи «Месе йӯл» -и Туркия дар асоси талаботи замон амалӣ мешавад.

– Барои таъмири роҳи 1 километра аз буҷаи давлат 13,5 миллиард сӯм маблағ ҷудо карда шудааст – гуфт, сармутахассиси корхонаи унитарию давлатии «Самарқанд минтақавий йӯлларга буюртмачи хизмати» Элдор Бекмуродов. – Барои саривақтӣ иҷро шудани кор, хати қубурҳо халал мерасонанд. Боварӣ дорам, ки ин корро дар муддати кӯтоҳ ба поён мерасонем.

Бо тамомшавии корҳои ободонӣ ҳаракати нақлиёти шаҳр ба роҳ монда шуда, пеши роҳи тирбандиро мегирад ва кӯчаҳои шаҳр қиёфаи навро соҳиб мешавад.

КОНФРОНСИ МАТБУОТӢ

Моҳонаи маданияти ҳуқуқӣ ва одобу ахлоқ чӣ хел мегузарад?

Дар Маркази ҷавонони Самарқанд садорати вилоятии Оҷонсии кор бо ҷавонон дар мавзӯи «Вазифаҳои устувори амалӣ кардани сиёсати давлат роҷеъ ба ҷавонон дар вилоят» конфронси матбуотӣ гузаронд.

Дар тадбире, ки ба воситаи барномаи ZOOM онлайн баргузор гардида, дар бораи корҳое, ки садорати вилоятии оҷонсӣ, шӯъбаҳои шаҳрӣ ва ноҳиявии он дар семоҳаи саввӯми соли равон амалӣ кардаанд ва нақшаҳои оянда батафсил ҳарф заданд.

– Аввало, ба садорати вилоятии оҷонсӣ, шӯъбаҳои шаҳрӣ ва вилоятии он ходимони ҷавони соҳибхирад ва шуҷоатнокро дар асоси сӯҳбат ба кор қабул карда, ба онҳо шароити хуби меҳнат фароҳам оварда шуд, – гуфт сардори садорат Ҳусайн Тӯхтаев. – Сипас, якҷоя барои иҷрои мақсадҳое, ки дар наздамон гузошта шудааст, саъю кӯшиш кардем. Роҷеъ ба мазмуну моҳияти қонун «Дар бораи сиёсати давлатӣ доир ба ҷавонон» корҳои тарғиботӣ бурдем. Ба ташкил кардани ҷараёни имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълими олӣ бевосита ёрӣ расондем. Бо мақсади таъмини шуғли ҷавонони бекор «Дафтари ҷавонон»-ро ташкил карда, кӯшиш намудем, ки ба қисмати ҳар як ҷавони ба ин дафтар дохил шуда бефарқ набошем.

Дар даври гузаштаи сол дар вилоят ҷавонон 510-то, наврасон 27-то ҷиноятҳои гуногун содир кардаанд. Дар доираи «Моҳонаи маданияти ҳуқуқӣ ва одобу ахлоқ», ки аз 15-уми сентябр то 15-уми октябр гузаронда мешавад, чунин ҳолатҳо таҳлил карда мегарданд.

***

Дар вилоят ҷавонони аз 18 то 30 сола 910165 нафарро ташкил мекунанд. Аз байни онҳо бо мақсади ба «Дафтари ҷавонон» дохил кардан 19029 нафар ҷавонони лаёқати корӣ доштаи бекор муайян гардида, чораҳои бо шуғл таъмин кардани онҳо дида мешаванд.

«101» ХАБАР МЕДИҲАД

Оқибати беэътиборӣ ба ташвиш меорад

С.БАШИРОВ,
сержанти калон, мутахассиси ШВФ –и шаҳри Самарқанд

Дар баъзе ҳолатҳо истифодаи нодурусти балонҳои газ, монанди бекора шудан ва аз санҷиши техникӣ нагузаштани он, истифодаи шлангҳои резинӣ ва риоя накардан ба қоидаҳои бехавфии сӯхтор боиси гирифтани ҷароҳати тан ва аз ҳаёт чашм пӯшидани одамон мегардад.

Бо мақсади пешгирии ин ҳолатҳо ходимони назорати сӯхтори ШВФ-и шаҳр ба мавзеъҳои аҳолинишин ташриф оварда, дар бораи риояи қоидаҳои бехавфии сӯхтор маълумот дода инчунин, ба воситаи радио ва телевизион корҳои тарғиботӣ мебаранд. Аммо бо баробари зиёд шудани эҳтиёҷот ба гармӣ, мардум ба корҳои тарғиботӣ эътибор надода ба ҳолатҳои нодурусти фоидабарии газ даст мезананд, яъне истифодаи шлангҳои резинӣ, кубурҳои кӯҳна, шамол надодани хонаҳо, ҳолати носозии электр ба вуҷуд меояд. Дар натиҷа, аз сӯхтор ҳолатҳои нохуш рӯй медиҳад.

Ҳамшаҳриёни азиз, аз хариди балонҳои гази бетавсиянома, асбобу ускунаҳои ғайриандозавӣ, асбобҳои худсохти гармидиҳанда аз дӯконҳои молҳои хоҷагӣ ё бозор ҳуддорӣ кунед. Агар дар хона бӯйи газро ҳис кардед дарҳол тирезаҳоро кушода монед. Наврасон ва куҳансолонро танҳо нагузоред ва ба ин кор ҷалб накунед. Бояд гуфт, ки ба ин тавсияҳо амал намоем ва ба қоидаҳои бехавфии сӯхтор риоя кунем, албатта пеши роҳи ин гуна ҳодисаҳои нохуши сӯхторро гирифта метавонем.

Қарздорӣ аз андоз рӯёнида шуд

Дар асоси қарори Инспексияи давлатии андози ноҳияи Ургут аз ҶММ «Zamon Sifat Servis»-и қарздор ба фоидаи Инспексияи давлатии андоз гирифтани қарздории андоз муайян карда шудааст. Бо ҳамин асос ҳуҷҷатҳои он ба шӯъбаи Бюрои иҷрои ҳатмии ноҳияи Ургут оварда шуд.

Дар давоми ҳаракатҳои иҷро дар асоси қарори иҷрочии давлат суратҳисоби бонкии қарздор банд карда шуд ва бо мақсади муайян намудани молу мулки ба ӯ тааллуқдошта мактубҳои пурсишии мутасаддӣ фиристода шуд.

Аз рӯйи ҳуҷҷати мазкур аз ҶММ «Zamon Sifat Servis»-и қарздор ба фоидаи инспексия 40 млн 594 ҳазор сӯм баргардонда шуд.

Шӯъбаи Бюрои иҷрои ҳатмии ноҳияи Ургут

ХАБАРҲО АЗ НОҲИЯҲО

«Пахтачигаз» ба зимистон омода аст

Матн ва сурати **Т.НОРҚУЛОВ**

Шӯъбаи Пахтачии ҶММ «Самарқандҳудудгаз» аз аввалинҳо шуда, корҳои омодагӣ ба мавсими тирамоҳ-зимистонро ба анҷом расониданд ва 10 509 хона бо гази табиӣ таъмин гардид. Соли ҷорӣ дар 866 хона ҳисобкунакҳоро бо намуди нав иваз намуданд.

– Соли оянда дар 23 маҳалла ҳисобкунакҳои газ ивaз карда мешаванд, – гуфт роҳбари «Пахтачигаз» Эркин Исмоилов.

Ба масофаи 267,8 км. қубурҳои газ дар зери фишор аз санҷиш гузаронида шуда, ду ГРП-и калон ва 480 ГРП-и хурд мафтиш ва 8 километр қубурҳои газ ранг карда шуданд. Таҳти сарварии сармуҳандис Холбек Собиров, челонгар Тошботир Мардонов, Боборавшан Абдураҳмонов, Сиддиқ Мавлонов ва Ҳамза Нуралиев корҳои зиёди омодагӣ ба зимистон амалӣ гардид.

Минтақаи озоди иқтисодии «Ургут» чӣ қадар маҳсулот содирот кард?

Минтақаи озоди иқтисоди(МОИ)-и “Ургут” дар ҳафт моҳи сол ба арзиши 14,2 миллион доллар маҳсулот ба хориҷа содирот кард.

Дар ин муддат, дар минтақа ҳамагӣ ба арзиши 673 миллиард сӯм маҳсулот истеҳсол шуд.

Дар моҳҳои январ-август дар МОИ “Ургут” 9 лоиҳаи нав ба арзиши 13,2 миллион доллар амалӣ шуд ва 350 ҷойи нави корӣ ташкил гардид.

То анҷоми сол ба арзиши 38,2 миллион доллари амрикой 7 лоиҳаи дигар низ амалӣ мегардад ва тақрибан 750 нафар бо ҷойи нави корӣ таъмин мешаванд.

“Булунғур ҳаёти” 90-солагии худро дар бинои нав пешвоз мегирад

Рӯзномаи “Булунғур ҳаёти” моҳи декабри соли 1931 таъсис ёфтааст. Рӯзнома пеш бо номҳои “Колхозчилар байроғи” ва “Коммунист” чоп шуда, хабарҳои ноҳияҳои Ҷомбой ва Пайариқро низ нашр кардааст. Шӯрои намояндагони халқи ноҳияи Булунғур ва ҳокимияти ноҳия муассисони ин рӯзнома мебошанд.

Ин рӯзнома, соли оянда 90-умин солгарди худро ҷашн мегирад.

Имрӯз бо замон ҳамнафас будани нашрияҳо талаби давр аст. Албатта, барои ин ходимони кордон, шарту шароит ва пойгоҳи моддиву техникӣ зарур аст. Ба ҳамин далел, барои таҳририяти “Булунғур ҳаёти” ҳоло бинои нав сохта мешавад. Бинои нав дорои 4 ҳуҷраи корӣ ва ҳамагуна шароиту пояи моддиву техникӣ аст.

Баҳодир Баҳромов, ҳокими ноҳияи Булунғур рӯзи 7 октябр дар бораи ҷараёни сохтусози бинои нави рӯзнома таклифҳои худро изҳор кард ва афзуд, “Рӯзнома як оинаест, ки ҳаёти маънавӣ ва маърифии ноҳияро, имрӯзу фардои онро нишон медиҳад. Пас зарур аст, ки барои фаъолияти самарбахши кормандони таҳририят бояд шароити муносиб фароҳам кунем”.

Дар Ҷомбой дарахтҳои павлония парвариш мешаванд

Озмоишгоҳи «In Vitro»-и ноҳияи Ҷомбой бо номи «UzNUTS» дарахти чормағзи навъи павлонияро парвариш мекунад.

Ин лоиҳа ба муносибати қарори ҳукумат дар бораи барпо кардани боғҳои павлония амалӣ мешавад.

То ҳол мутахассисони «In Vitro» аз 3 навъи павлония пайванд гирифтанд.

Ин озмоишгоҳ дар як сол метавонад то 20 миллион ниҳоли павлония парвариш кунад.

Ҳамчунин, мутахассисони озмоишгоҳ ҳоло ба парвариши навъҳои бодом, гелос, себ, шафтолу низ пардохтаанд. Илова бар ин, масъалаи соҳиб шудани ҷойи худ дар бозорҳои Осиёи Марказӣ низ баррасӣ мешавад.

Нуқтаи назар

Сохтори таълими масофавӣ: афзалиятҳо дорад, аммо...

Фирӯз АБДУМӮЪМИНОВ,
донишҷӯ

Солҳои охир дар соҳаи маорифи мамлакат дигаргуниҳои назаррас ба амал меоянд. Яке аз чунин тағйиротҳо дар қатори дигар шаклҳои таълим ба таври васеъ истифода гардидани таълими масофавӣ мебошад. Пӯшида нест, ки бисёриҳо Интернетро танҳо барои хондани ахбор, ҷустуҷӯи маълумот, дастрассозии матолибу номаҳо ё барои сӯҳбат истифода мебаранд. Имкониятҳои Интернет низ рӯз аз рӯз меафзоянд ва кор фармудани он осонтар мешавад.

Ҳоло дар пешбурди таълими масофавӣ, такмили фаъолияти китобхонаҳои электронӣ, тиҷорати (бизнеси) электронӣ, мағозаҳои электронӣ ва ғайраҳо саҳми шабакаҳои интернетӣ назаррас аст.

Имрӯз мамлакат бо суръат рушд мекунад. Ҳар дақиқа дар гӯшаҳои гуногуни сайёра тағйирот, навсозиҳо ба миён меоянд, ки мо онро бевосита аз телевизиону радио ва аз шабакаҳои иҷтимоӣ мебинем ва мешунавем. Ҳар рӯзи мо зери ҷараёни шадиди иттилоот мегузарад ва моро хоҳ дар хона бошему хоҳ дар мактабу корхона «таъқиб» менамояд. Аз ин рӯ, истифодаи технологияҳои нави ахборӣ дар рушду равнақи таҳсилот талаботи замони имрӯза мебошад. Яке аз падидаҳои навҷӯиҳо ва навовариҳои аср шакли таҳсилоти масофавӣ ба шумор меравад. Дар айни ҳол ҳамаи муассисаҳои оливу касбии кишварамон бо ҳамин сохтор фаъолият мебаранд. Фосилавӣ хондан, ин мустақил хондан аст. Мустақил хондан бошад, қобилияти мустақилона фикр кардан, хулосабарории инсонро инкишоф медиҳад. Афзалияти дигари таҳсилоти масофавӣ дар он аст, ки донишҷӯ метавонад дар вақти муносиб ва бидуни тарки кор таҳсил кунад. Маҳз ба туфайли ин афзалиятҳо, имрӯз ин услуб дар ҷаҳон васеъ паҳн шудааст ва барои такмил додани ин система, ширкатҳои бузург миллионҳо доллар сарф мекунанд. Боз як афзалияти таълими масофавӣ вақту мӯҳлати таълимро худи донишҷӯ муайян мекунад, яъне ҳар лаҳза, вақти дилхоҳ ба таҳсил оғоз мекунад ва маводро аз худ менамояд. Дараҷаи азхудкунии донишҷӯ бошад бо иҷрои вазифаҳо, тестҳо, санҷишҳо муайян карда мешавад.

Новобаста аз ин бартариятҳо сохтор муаммо ва камбудиҳои худро дорад. Масалан, дар баъзе ҷойҳо набудани алоқа барои шабакаҳои иҷтимоӣ, ё ки дар истифодабарии Интернет камтаҷриба будани донишҷӯён ба пешрафти ин ҷараён халал мерасонад. Донишҷӯ дар ин шакли таълим ҳамаи материалҳоро ба таври мустақил худомӯзӣ мекунад. Барои ҳамин аз донишҷӯ иродаи мустаҳкам, масъулият ва худидоракунӣ талаб карда мешавад.

> *Баробари ин, дар системаи таълими масофавӣ байни устоду шогирд мулоқоти бевосита сурат намегирад. Ин барои донишҷӯ бобати дар назди ҷамоа фикри худро баён кардан як қатор мушкилиҳоро ба миён меорад.*

Ғайр аз ин, дар сохтори таҳсилоти аз тарафи донишҷӯён ҳал гардидани вазифа ва супоришҳоро муайян кардан душвор аст. Намедонед, ки оё донишҷӯ мустақилона кор кардааст ё не.

– Баробари, саршавии пандемия барои таъмини бехавфии мо донишҷӯён сохтори таълими масофавӣ ҷорӣ кара шуд, – гуфт яке аз донишҷӯёни донишкадаи олӣ, ки нахост номашро биёрем. – Мо нимсола(семестр)-и дуввумро дар чунин шакл хондем. Аз тарафи омӯзгорон ҳамаи маводҳо дар сохтор монда шуд. Лекин, баъзе ҳамсабақони ман барои давомоти дарс ворид мешуданду бас. Қариб 40 фоизи гурӯҳи мо ба сохтор умуман дохил намешуданд. Сабабашро пурсем, «Дар деҳаи мо Интернет кор намекунад» мегуфтанд. Аз номи онҳо бошад дӯсту бародароне, ки як ҷо таҳсил мегиранд ворид мешуданд ва имтиҳонҳоро низ онҳо месупориданд.

Саволе ба миён меояд: магар ин ба бесаводӣ намерасонад? Донишҷӯе, ки чунин мехонад пагоҳ ба мактаб рафта, ба шогирдон чӣ гуна сабақ медиҳад? Чиро меомӯзонад?

Баъзе донишҷӯён бо баҳонаи мавҷуд набудани алоқа дар деҳа, дар шаҳр хона иҷора гирифта дарс мехонанд. Ба мо торик аст, ки онҳо дарс мехонанд ё бо дигар амалҳои номатлуб машғуланд.

Агар ба ин сохтор ҷиддан назар андозем, саволҳои зиёдро беҷавоб мебинем. Ва як нуктаро амиқ гуфта метавонем, ки ҷавоби ин саволҳо бештар дар зиммаи ду нафар бори масъулиятро мегузорад: муаллим ва донишҷӯ...

Фарзанди барӯманди Самарқанд

Тимсоли меҳру нишони дӯстӣ

Сабоҳат МАҶИДОВА,
устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд, доктори фалсафа(PhD) оиди фанҳои филологӣ

Худованд одамро бо қобилиятҳои тайёр ба дунёи равшан намеорад. Тарбия ва муҳите, ки ӯро иҳота кардааст, нишонаҳои онро рӯ ба инкишоф меоранд. Вале инкишоф ёфтани қобилият, истеъдод, маҳорат ва малака ба худи шахс вобастагӣ дорад. Адабиётшиноси варзида, узви Иттиҳоди эҷодии рӯзноманигорони Ӯзбекистон Абдусалом Самадов низ аз зумраи чунин шахсони бомасъулият, соҳибкору бомаҳорат буда, ғарқи баҳри илму адаб ба сӯи маҳорат қадамҳои устувор гузоштааст.

Намунаи барҷастаи қалами сеҳрогини устодро бевосита аз китоби тозанашри ӯ «Нишони меҳр», метавон равшан мушоҳида кард.

Устод Абдусалом Самадов чун олими адабиётшинос, донишманду муҳаққиқ олими пухтакор ҳар як назари худро дар оинаи идрок боадолат санҷидаву пухта таҷассум намуда, дар тасвири як масъалаи пешгузоштаи худ бо якчанд аср ошноӣ кардааст, таъсири онро ба таърихи гузаштаву имрӯза ба муқоиса гирифтааст, аз ҷумла дар мақолаи «Дилбохтаи Самарқанд» муҳаққиқ қалби шефтаи Заҳириддин Муҳаммад Бобурро нисбат ба Самарқанд чунон тасвир намудааст, ки имрӯз ҳам боиси ифтихормандии ҳар як зодаи ин сарзамин аст. Аз мутолиаи ин мақола хонанда бо ҳаёти маданӣ, илмиву адабӣ, иқтисодӣ ва таърихиву ҷуғрофии Мовароуннаҳр, равшантар «шаҳри маҳфуза» Самарқанд ошно мешавад. Мисли «Бобурнома» асари таърихӣ-бадеии бебаҳоро боз пеши хонанда варақгардон мекунад, аммо бо тарҳи тозае, бо забони тару нигориши ҷолибу рӯҳбахше, ки хоси қалами сеҳрофарини устод аст. Аз назари бинои ӯ ҳеч як нуктаи ба нишон гирифтаи Заҳириддин Муҳаммад Бобур дар сифати Самарқанди ҷаннатмакон дур намондааст. Шарҳу тавсифи мавзеъ ва мардуми хушхӯ, мавқеи ҷуғрофиву маҳалҳои дилнишин, табиату рӯҳияи мардум, касбу пеша ва урфу одати эшон, тавсифи иморату боғҳои дилкушо, боду ҳавои фораму дилнишинро як-як бо намунаи порчаҳои муносиб аз забони муаллифи «Бобурнома» қаламдод намудааст: «Ба андешаи Бобур, мардуми Самарқанд накӯкору некӯсиришт, баландназару бошуҷоат ва ҳамидахулқанд. Аз ин шаҳр бузургворони зиёд ба камол расидаанд: «Мардумаш ба тамом суннӣ ва покмазҳаб ва муташарриъ ва боимону бодиёнат...». Албатта, мушоҳида намоем танҳо ҳамин хулоса ва иқтибоси бо тарҷумаи устод овардашуда, равшангари мақому манзалати ин шаҳри бостонӣ аст, зеро набояд фаромӯш кард, ки устод Самадов низ зодаи ҳамин манзили олимхез, ин сарзамини хушбоду ҳавову хушманзар аст, шефтаи макону фарзанди ҷонфидо ва олими бошуҷоати самарқандист. Бар замми чунин шуҷоату барнодилӣ ин адабиётшиноси варзида қалами худро бо маҳорати дигар низ оростааст, ки хоси олими ҳақиқист, яъне санъати тарҷумонӣ аз забонҳои ӯзбекиву русӣ. Бояд гуфт, ки санъати тарҷумонӣ назди қалами устод чун об равону мусаффо буда, писанди хонандагон аст. Ҳамин ҷо олими дақиқназар гарчанд аз забони Бобурмирзо сухан мегӯяд, каломаш чунон ширагин аст, гӯё аз қаъри дили муҳоҷиру аз дарди фироқ реш-реши Бобур берун меояд.

Ҳисси ватандӯстиву хештаншиносии устод дар сифати ҳар як мақолаи «Нишони меҳр» бо тарҳи наву тозае оварда шудааст. Муаллиф дар мақолаи «Дилбохтаи Самарқанд» бо Заҳириддин Муҳаммад Бобур эҳсоси меҳру ифтихори ватандорӣ кунад, дар мақолаи «Устод Айнӣ ва аҳли илму адаби Самарқанд» бо устод Садриддин Айнӣ хештаншиносӣ намудааст. Устоди бузурги суханро чун давомдиҳандаи анъанаҳои бардавоми илму адаби халқу миллат чун Абӯалӣ ибни Сино, Абурайҳон Берунӣ, Абулфазли Балъамӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ хонда, хидматҳои шоёну саҳми босазои ӯро дар пешрафти илму фарҳанги Самарқанд ва дар такомули афкори илмиву адабӣ ва таълиму тарбияи мардуми он таъкид намудааст. Махсусан, дар мисоли устод Айнӣ ва сарпарастии ӯ ба шогирдон, аз ҷумла олимони маъруфу нуктадон ва арбобони барҷаста Воҳид Абдуллоев ва Раҳим Муқимов низ бомеҳру муҳаббати беандоза сухан ронда, дар симои эшон идомаи анъанаи дӯстии Ҷомиву Навоиро нишон додааст, ки боиси ифтихор аст.

(Давомаш дар саҳ. 4).

Салом, тирамоҳ

Малика ҶУМЪАЗОДА

Ҳамаи фаслҳои сол ҳусну таровати зебову дилкаши худро дорад. Тирамоҳ низ бо хусусиятҳои хоси худ фараҳбахш буда, рӯҳияти касро болида мегардонад. Аввалҳо дар тирамоҳ иди бошукӯҳи «Меҳргон» гузаронида мешуд. Бо гузашти вақт дар баъзе ҷойҳо гузаронидани ин гуна идҳоро мушоҳида мекунему халос. Хурсандиовар аст, ки ин анъанаро кӯдакистони хусусии «Нуршод-файз»-и ноҳияи Самарқанд давом дода, «Салом, тирамоҳ» ном тадбир гузаронд. Тадбир аз тарафи тарбиячиёни гурӯҳи синни миёнаи кӯдакистон – «Ҳамадон» («Всё Знайка») Нилуфар Қутлиева ва Моҳинур Узоқова ташкил шуд.

Тарбиягирандагон барои бачаҳоро ба ин тадбир омода намудан қариб як моҳ тайёрӣ диданд. Дар тадбир кӯдакон дар борои фасли тирамоҳ, Ватан, омӯзгор шеъру сурудҳо хонда, рақсҳои шарқонаву аврупои бо маҳорат кӯдакона намоиш доданд.

– Фарзанди ман ду сол ин ҷониб дар ҳамин кӯдакистон таълиму тарбия мегирад. Ҳоло панҷсола асту аллакай хондани шеъру сурудҳоро ба забони русӣ пурра ёд гирифтааст. Дар хона бозӣ кунад, худ аз худ бо забони русӣ гап мезанад. Кӯдакистон бо вуҷуди дар деҳот ҷойгир шуданаш аз кӯдакистонҳои шаҳр ягон камӣ надорад. Аз тадбири имрӯза бошад фарзандам хеле хурсанд ва рӯҳбаланд шуд. Ба тарбиячиён ва директори кӯдакистон миннатдории худро баён мекунам ва ба онҳо сиҳативу саломатӣ ва асаби пурқувватро таманно дорам, – гуфт модари яке аз тарбиягирандагони кӯдакистон-и мазкур – Меҳримоҳ Солеева.

Тадбир ба бачаҳо ғизои маънавию эстетикӣ бахшид.

Ибрат

Васиятномаи Габриэл Гарсиа Маркес



Нависандаи маъруфи колумбиягӣ, барандаи ҷоизаи Нобели адабиёт Габриэл Гарсия Маркес (06.03.1927, Колумбия – 17.04.2014, Мексика), ки ба беморӣи саратон мубтало гардида буд, гумон дошт, ки чандон умри зиёде барояш боқӣ нест ва дар соли 2000 бо иншои ин васиятнома ё номаи хайрбод бо ҷаҳон ва хонандагони худ худоҳофизӣ намуда буд. Вале ба таъбири мардум, «бе аҷал марг нест» ва баъди иншои ин нома адиби мумтоз боз 14 сол зинда монд ва аз худ асарҳои зиёдеро барои дӯстдорони адабиёт ба ёдгор гузошт. Инак, матни васиятнома пешорӯи шумост.

Агар Худованд лаҳзае аз ёд мебурд, ки ман аз лӯхтаки латтагие беш нестам ва бароям фурсати кӯтоҳеро барои зинда мондан мебахшид, аз ин фурсат ба беҳтарин ваҷҳи мумкин истифода намуда, ба эҳтимоли зиёд ҳар андешаамро бозгӯ намекардам, аммо ба яқин, ҳар чӣ магуфтам, пешакӣ фикр мекардам. Ба ҳар ашё на ба далели арзиши он, балки ба далели аҳамияташ баҳо медодам. Камтар мехобидам ва бештар рӯъё мебофтам, зеро дар тайи ҳар дақиқае, ки чашм мебандам, шаст сония нурро аз даст медиҳем.

Роҳро аз ҳамон ҷойе идома медодам, ки дигарон меистоданд ва замоне аз бистар бармехостам, ки дигарон ҳанӯз дар хобанд. Вақте дигарон сухан мегуфтанд, гӯё ки таъми нотакрори яхмоси ширинро мечашида бошам, бо камоли майл онҳоро мешунидам.

> *Агар Худованд фурсати кӯтоҳи дигаре ба ман мебахшид, соддатар либос мепӯшидам, дар офтоб ғӯтта мехӯрдам ва на танҳо ҷисм, балки рӯҳамро низ дар офтоб урён мекардам. Худоё, агар маро қалбе буд, кулли нафратамро рӯйи ях навишта, ба пешвози офтоб мебаромадам.*

Ман мехоҳам дар хобам орзуҳои Ван Гогро (Венсент Виллем Ван Гог (30.07.1853, Нидерландия – 29.07.1890, Фаронса), рассом-постимпрессионист, ки осораш ба наққошии асри XX таъсиргузор будааст. Ӯ таи беш аз даҳ соли фаъолияташ беш аз 2100 асар офаридааст ва аз онҳо 860 ададаш бо ранги равғанӣ тасвир шудаанд.) дар ситораҳои достони Бенедетти (Бенедетти Марио (14.09.1920–13.05.2009), рӯзноманигор, шоир, нависанда ва драматурги уругвайӣ) муҷассам созам ва суруди Серрат (Хуан Мануэл Серрат (таваллуд, 27.12.1943, Барселонаи Испания, ҳофизи испании каталонӣ, шоир ва мусиқишинос) метавонист муҳаббатномае бошад, ки онро ба моҳ бахшида метавонистам.

Ман метавонистам бо ашкҳоям гулҳоро обёрӣ созам, то захми хор ва бӯсаи гулгуни барги гулро эҳсос намоям.

Худоё, агар фурсати дигаре барои зиндагӣ медоштам, барои баёни эҳсоси муҳаббати худ ба касоне, ки дӯсташон медорам, як рӯз ҳам таъхир намекардам. Ба ҳар шахси бароям азиз ин ҳақиқатро бовар мекунондам, ки дӯсташ медорам ва чун дӯстдошта бомуҳаббат зиндагӣ мекунам. Ба ҳамагон исбот мекардам, ки ба далели пирӣ аз ишқ роҳи гурез ҷустан хатои бузургест, балки онҳо замоне пир мешаванд, ки дигар ошиқ намешаванд. Ба бачаҳо бол мебахшидам, аммо онҳоро танҳо мегузоштам, то худ мустақилона парвозро ёд бигиранд. Ба пиронсолон меомӯхтам, ки марг бо фаромӯшӣ меояд, на бо солхӯрдагӣ.

Чӣ чизҳоест, ки аз шумо ёд нагирифтаам, эй мардум! Медонам, ки ҳама мехоҳанд бар фарози қуллаи кӯҳ зиндагӣ кунанд, вале фаромӯш кардаанд, ки хушбахтии ҳақиқӣ дар он аст, ки мо чӣ гуна ба қуллаи он мебароем. Медонам, ки вақте навзод ангушти падарро бо муштчаҳояш мефишорад, дигар онро ҳаргиз раҳо намекунад. Медонам, инсон фақат замоне ҳақ дорад ба нафаре аз боло ба поин бинигарад, ки дасти ёрӣ ба сӯяш дароз карда бошад. Боз чӣ қадар чизҳоест, ки аз шумо омӯхтаам, эй мардум, вале афсӯс, ки ҳеҷ кадом ба кор намеоянд, зеро аҷал гиребонгирам шуда ва раҳсипори хонаи охират ҳастам. Ҳамеша он чиро бигӯ, ки эҳсос мекунӣ ва пайи коре бишав, ки дар андешаи он ҳастӣ.

Агар медонистам, имрӯз охирин рӯзест, ки туро дар рахти хоб мебинам, чунон маҳкам дар оғӯш мафишурдамат ва аз даргоҳи Парвардигор илтиҷо макардам, ки маро нигаҳбони рӯҳи ту гардонад.

Агар медонистам, имрӯз охирин бор аст, ки туро дар ҳоли аз хона баромадан мебинам, ба оғӯш кашида, мебӯсидамат ва фақат барои он ки андаке бештар бимонӣ, боз аз нав ба сӯйи хеш мехондам.

Агар медонистам, имрӯз охирин бор хоҳад буд, ки садоятро мешунавам, ҳар каломи туро рӯйи навор сабт мекардам, то онҳоро гаштаву баргашта ва беохир бишнавам.

Агар медонистам, ин охирин дақиқаҳоест, ки туро мебинам, ба ту мегуфтам: «Дӯстат дорам» ва намепиндоштам, ки ту, нодон, худ инро медонӣ.

Ҳамеша фардое ҳаст ва зиндагӣ барои беҳтарин корҳо имконияти дигаре ба мо медиҳад, то ҳамаро ислоҳ намоем, аммо агар ман хато кунам ва имрӯз ҳар он чизе бошад, ки умр барои ман монда, фақат мехоҳам ба ту як чиз бигӯям, он қадар зиёд дӯстат медорам, ки ҳаргиз фаромӯшат нахоҳам кард. На пир ва ё на ҷавон бо боварӣ гуфта метавонад, ки фардо чӣ пешомаде хоҳад дошт. Шояд имрӯз охирин бор касонеро мебинӣ, ки дӯсташон медорӣ. Пас фурсатро аз даст мадеҳ, худи ҳамин рӯз амал кун, зеро агар фардо ҳаргиз фаро нарасад, ту бешак, афсӯси рӯзеро хоҳи хӯрд, ки фурсате барои як лабханд, як оғӯш, як бӯса наёфтӣ ва машғулиятҳои зиндагӣ имкони иҷрои хостаҳои охиринро бароят надоданд.

> *Ба касоне, ки дӯсташон медорӣ, ҳамеша меҳрубон бош ва ҳамеша барояшон бигӯ, ки чӣ қадар ба онҳо алоқа ва ниёз дорӣ. Ба худат ин фурсатро бидеҳ, то бигӯӣ: «Маро бубахш», «Мутассифам», «Хоҳиш мекунам», «Мамнунам» ва аз тамоми ибораҳои зебову меҳрубоне, ки медонӣ, истифода кун! Агар афкоратро чун розе дар сина маҳфуз дорӣ, ҳеҷ кас туро ба хотир нахоҳад овард.*

Пас аз Худованд хирад ва тавоноии баёни эҳсосатро талаб кун, то дӯстонат бидонанд ҳузурашон то чӣ ҳад барои ту азиз аст. Агар ту имрӯз онро нагӯӣ, фардоят мисли дирӯз хоҳад буд. Вале агар ту инро ҳаргиз ба забон наорӣ, ягон чиз арзишу моҳияте нахоҳад дошт...

Соли 2000

Аз русӣ тарҷума ва тавзеҳи **Ш.ШОКИРЗОДА**.

Охираташон обод бод!

Ҷамоаи рӯзномаи «Овози Самарқанд» аз даргузашти муаллима, эҷодкор, мухлиси рӯзнома
Раъно БОЙБЕКОВА
сахт андӯҳгин буда, ба аҳли оила ва пайвандону наздикони марҳума изҳори ҳамдардӣ менамояд.

Ҷамоаи рӯзномаи «Овози Самарқанд» ба мухбири ҷамоатӣ, узви Шӯрои мушовирон ва собиқадорони рӯзнома Шодмон Амонуллоев нисбати вафоти ҳамсарашон
Ҳамида ВАЛИХОҶАЕВА
изҳори ҳамдардӣ намуда, дуогӯи он ҳастанд, ки Худованд хонаи охираташонро пурнур гардонад ва барои пайвандонашон сабри ҷамил ато намояд.

ЭЪЛОНҲО ЭЪЛОНЛАР ОБЪЯВЛЕНИЯ

Самарқанд шаҳридаги “FINANCE ORIENT MOBILE” хусусий корхонаси ўзининг мулкчилик шаклини ўзгартириб, “FINANCE ORIENT MOBILE” масъулияти чекланган жамиятига айланишини маълум қилади.

Юқорида қайта ташкил этиш ишлари амалга оширилгач, “FINANCE ORIENT MOBILE” масъулияти чекланган жамияти - “FINANCE ORIENT MOBILE” хусусий корхонасининг барча ҳуқуқ ва мажбуриятлари бўйича қонуний вориси ҳисобланади.

Шу муносабат билан унга билдириладиган барча эътирозлар газетада эълон чоп этилгач, бир ой давомида қабул қилинади.

Самарқанд туманида хусусий амалиёт билан шуғулланувчи нотариус Шомуродов Анвар Салимович идорасида марҳум Тагиров Карим Кадировичга (2018 йил 8 майда вафот этган) қарашли мол-мулк учун мерос иши очилмоқда. Шу муносабат билан меросхўрлар Шомуродов Анвар Салимович нотариал идорасига мурожаат этишларини сўраймиз.

Манзил: Самарқанд тумани, Ўрташиқ маҳалласи.

Самарқанд шаҳрида хусусий амалиёт билан шуғулланувчи нотариус Алиева Лола Заировна нотариал идорасида марҳум Курбонов Бахронга (2019 йил 4 июнда вафот этган) қарашли мол-мулк учун мерос иши очилмоқда. Шу муносабат билан меросхўрлар Алиева Лола Заировна нотариал идорасига мурожаат этишларини сўраймиз.

Манзил: Самарқанд шаҳри, М.Улуғбек кўчаси, 80-уй.

Тимсоли меҳру нишони дӯстӣ

(Аввалаш дар саҳ. 3).

Олими пурмаҳсулу серкори мо Абдусалом Самадов дар мақолаи «Устод Айнӣ ва аҳли илму адаби Самарқанд» низ факту далел ва санадҳои зиёдеро ба таври бадей ҷой додааст, ки хонандаи дақиқназар зимни мутолиа аз ҳар қадами устод Айнӣ воқиф гашта, мавқеи ин суханвари бузургро дар илми забоншиносиву адабиётшиносии тоҷику ӯзбек баръало эҳсос менамояд.

Хидматҳои сазовор ва осори пурбори марди сухансанҷ Абдусалом Самадов дар пешбурди илми адабиётшиносии тоҷик на танҳо дар Ӯзбекистон, балки дар кишварҳои ҳамзабону ҳамсоя ҳам муаррифӣ ва арҷгузорӣ шудааст.

Зеро устоди борикназар бо қалами рангини худ на танҳо саҳифаи эҷодии илму адаби тоҷику ӯзбекро, балки осори чеҳраҳои илҳомбахши адабиёти рус, туркману қазоқро низ ба мардум ошно намуда, таъсиргузорӣ ва анъанапардозии онҳоро вобаста ба осори классикони форсу тоҷик ба мушоҳида гирифтааст. Махсусан, нисбат ба осори шоири сермаҳсули қазоқ муҳаққиқ Чунин хулоса намудааст: «Адабиёти Шарқ, аз ҷумла адабиёти форсу тоҷик, барои Абай ва дигар шоирону намояндагони қазоқ мактаби омӯзиши маҳорати адабӣ, намунаи ибрат ва лоиқи пайравӣ буд. Дар шароите, ки дар Қазоқистон акнун хату савод ба вуҷуд меомаду сари мардум аз осори маданияти ҷаҳонӣ дар канор буд, адабиёти форсу тоҷик, ӯзбек ва озарбойҷон ба рӯи фарзандони пешқадами он дарвозаи маданият ва олами шеъру шоириро боз менамояд. Васфи ишқи ҷавонӣ, шаҳди висол ва таърифи ҳусну ҷамоли мафтункунандаи ёр, шикоят аз ағёр, рақиби бадният, тарғибу ташвиқи хулқи накӯ, даъват ба омӯхтани илму ҳунар, танқиди аҳли сарват ва ашхоси ҷоҳил ва монанди инҳо, ки аз мавзӯъҳои асосии адабиёти форсу тоҷик буданд, дар ашъори шоири маърифатпарвар мавқеи намоён касб менамояд».

Инчунин, «Ахтари тобноки осмони шеър»-и туркманзамин – Махдумқулӣ-Фироқӣ, ки баъзан нигоштаҳои ӯ бо савту садои хеле дилнишини Комилҷон Отаниёзов, Бобомурод Ҳамдамов барин ҳофизони маъруф танинандоз гардида, касро мафтун мекунад, аз назари муҳаққиқ дур намондааст. Ин ҷо адабиётшинос, муҳаққиқи пайвандҳои илмиву адабии дӯстиву рафоқати халқҳо осори шоири туркман Махдумқулӣ-Фироқиро мӯшикофона тадқиқ намуда, мавзӯву мӯҳтаво, дараҷаи тадқиқу тарҷумаи осори шоирро муносиб дарҷ намудааст. Мувофиқи қайди муаллиф ӯ «... бо ашъори гуҳаррези худ ҳамчун шоири навовар ба адабиёти нави туркман асос гузоштааст». Аз фароварди муаллиф аён мегардад, ки Махдумқулӣ-Фироқӣ аз зиндагии пурфоҷеа ва марги тасодуфии бародарон ва маҳбубааш Менглӣ ба танг омада, дар нигоштаҳои худ тараннуми ишқи пок ва сӯзу сози беназири он, панду ҳикматҳо, ватанхоҳӣ, ғаму андӯҳ ва шикоят аз замона, ноадолатӣ, тамаллуқкориву танпарварии аҳли ҷоҳро зери тозиёнаи танқид гирифта, дар тарғиби ахлоқи ҳамида ва тарбияи инсони соҳибмаърифат кӯшидааст.

Чунин қадршиносиву хештаншиносӣ ва барқарор нигоҳ доштани ришта дӯстиву пайвандҳо, эҳсоси меҳру муҳаббати илму адаб, эҳёи маънавияти халқ, кашфи чеҳраҳои нави илму адаб, беш аз ҳама бар дӯши адабиёт буда, мавзӯи асосии китоби «Нишони меҳр»-и устоди масъулияткаширо оро додааст.

Зеро ҳар як мақола бо услуби тозае иншо шуда, хонандаро бо сарлавҳаи худ шефта мегардонад, аз ҷумла зери сарлавҳаи «Аълоҳазрати наср» чун «мунодии ҷасуру фидоии бемисли адолату ҳақиқат» васф намудани нависандаи маъруфи қарни бистум Чингиз Айтматов аллакай ба кулли андешаи муҳаққиқи нозукбаён равшанӣ меандозад.

Ё ин ки сарлавҳаи «Баҳор омад, туро меҷӯяд...»-и муаллиф дар талқини осори олиҳаи аҳду вафо, Шоираи халқии Ӯзбекистон Зулфия Исроиловаро баръало аён мекунад. Метавон гуфт, ки интихоби муҳаққиқ муносиб ва тавсифи ӯ барҳақ аст. Аммо ин ҷо дар боби ҳар як мақолаи устод таваққуф намуданро ҷоиз надонистем, зеро «мушк он аст, ки худ бибӯяд, на он ки аттор бигӯяд».

Муҳаққиқ ҳар масъала, муаммо ва ҷабҳаи назаркардаи худро бошуҷоат ва боҳавсала дурбинона ҳаёти гузаштаро чун намунаи ибрат варақ зада, аз бурду бохти таърихи аҷдодон ба насли навраси имрӯза санадҳо оварда, саодати имрӯзро баръало нишон додааст. Вай дар психология ва меъёрҳои ахлоқи миллӣ нуктаи асосиеро, ки аз насл ба насл мегузарад ва боиси бақои маънавии халқ ва хештаншиносии миллат аст дарёфта, дар рисолаву мақолаҳои худ моҳирона қалмдод намудааст. Китоби «Нишони меҳр» чун чакидаи қалами сеҳрофарини устод манбаи дӯстиву пайванди ногусастании мардуми меҳрофарини мост.

(Аввалаш дар саҳ. 1).

ДАР МАРКАЗИ ДИҚҚАТ

Муаллим доимо дар маркази диққати ҳамагон аст. Мардум ба ахлоқу одоб ва кирдору рафтори онҳо пайравӣ мекунанд. Тамоми падару модарон мехоҳанд, ки фарзандонашон дар мактаб нағз хонда, соҳиби илму дониш шавад, хушодобу ахлоқ гардад ва дар ҷамъият мавқеи муносиби худро ёбад. Бинобар ҳамин, бо ҳурмату эҳтиром ба омӯзгор менигаранд. Мактабро ҳамчун макони илму дониш медонанд ва ба муаллим умедҳои калон мебанданд.

Ҳамаи мо калонсолон пеш ё қафо дар мактабҳо хондаем. Доимо солҳои мактабхониамонро ба ёд меорем, диламон ба давраҳои бачагиву мактабхонӣ гум мезанад. Овони мактабхонии мо аксари омӯзгорон мард буданд. Ба истисноӣ баъзе муаллимони «тасодуфӣ» дарсҳояшонро аз таҳти дил мегузаштанд. На танҳо дар мактаб, балки дар дигар ҷойҳо ҳурмату эҳтироми омӯзгор ба ҷо оварда мешуд. Барои хонандагон баҳои «2» гирифтан доғи аҳли оила ҳисоб меёфт. Ягон нафар дар синфаш монад – ор медонистанд. Хонандагону муаллимон оилаи аҳлу тифоқро ба хотир меоварданд. Муаллимаву муаллимон нисбат ба хонандагон модаронаву падарона ғамхорӣ мекарданд.

Бе ҳеҷ гуна рағбатнокозӣ бо талабаву толибагони сустхон пас аз дарсҳо машғулотҳои иловагӣ мегузаронданд. Ба хонаи бачаҳо рафта, алоқаи байни мактабу хонаводаро мустаҳкам мекарданд.

Пас аз пошхӯрии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ давраи нав иқтисоди бозоргонӣ сар шуд. Дар ин давр оҳиста-оҳиста ҷойи арзишҳои маънавиро бизнес, даромад, пул кор кардан, бой шудан, сарватгундорӣ гирифтанд. Эътибор ба мактабу маориф батадриҷ суст гашт. Таъмири мактабҳо ба ном гузаронида шуда, ягонягон мактабҳои нави замонавӣ сохта шуданд. Ин соҳаи ниҳоят муҳим ба ҳоли худ гузошта шуд. Дар натиҷаи ба ҳар гуна корҳои ғайритаълимӣ ҷалб кардани омӯзгорону мактаббачагон, камии маоши муаллимон, коғазпуркуниҳои барзиёд як қисми омӯзгорони ҷинси мард касби дӯстдоштаи худро тарк ва муҳоҷирати меҳнатиро ихтиёр карданд. Дар баъзе мактабҳо муаллимони мардина ангуштшумор монданд. Ҳамаи ин ба сифати таълиму тарбия таъсир расонд. Обрӯю нуфузи омӯзгорон коҳид.

Дар атрофи ин мавзӯъ муаллимае, ки зикри ному фамилияашро нахост, чунин изҳор кард:

– Муаллимӣ касби пуршараф аст. Ман фахр мекунам, ки қариб 40 соли ҳаётамро ба таълиму тарбияи фарзандони мардум бахшидам. Ҳоло нафақахӯр бошам, ки шогирдон ҳурмату эҳтиром менамоянд. «Муаллима» гӯён ба маъракаҳояшон хабар мекунанд, бо мошин бошанд, то ба манзили даркорӣ бурда мондан мехоҳанд.

Дар ҷамъият ҳамеша обрӯю нуфузи муаллим бояд баланд бошад. Маҳз муаллим ба кӯдакон сабақ омӯхта, раҳнамои ҳаёташон мегардад. Вале солҳои пеш қадру қимати омӯзгор паст гардид. Ба пахта бурданд, корҳое, ки ба фаъолияти педагогӣ умуман дахл надошт, ба муаллимон фармуданд, ҳатто ба кӯчарӯбӣ маҷбур сохтанд. Ин аз як тараф шаъну шӯҳрати омӯзгоронро резонда бошад, аз тарафи дигар ба сифати таълиму тарбия, дарсазхудкунии хонандагон, ҷаҳонбинии бачаҳо таъсири манфӣ расонид. Барои ҳамин бисёр педагогҳои боистеъдоду моҳир аз баҳри касби дӯстдоштаашон баромаданд.

Шукри Худо, ки солҳои охир вазъият дигар шуда истодааст. Моҳонаи муаллимонро баланд бардоштанд. Корҳои барзиёд ва ба пахта рафтани хонандагону муаллимон барҳам хӯрд. Ҳоло талабот аз муаллимон зиёд шудааст... Лекин ҳозир бо бачаҳо кор кардан осон не. Бачаҳо табиатан ҳар хел мешаванд. Аз рӯйи шунидам дар вақти дарс бачаҳо аксаран телефонбозӣ мекардаанд. Фарзандони одамони доро шӯхиву балоӣ карда, ба дарсгузарии муаллим халал мерасонанд. Ҳатто муаллимаҳоро гирёнидан, ҳақорат додан ва ё кӯфтани баъзе омӯзгорони ҷавонро мешунавам.

Муаллимӣ баробари кори бошарафу пурифтихор буданаш касби мушкилу мураккаб аст. Синфро идора карда, дарсро босамар гузаронидан аз муаллим донишу маҳорати беҳамторо талаб мекунад.

(Давом дорад).

БАЛАНД ГАРДИДАНИ ОБРӮЙИ МУАЛЛИМ ТАНҲО БА МАОШ ВОБАСТА АСТ?

ТАНҲО ФАКТУ РАҚАМҲО

Имрӯзҳо дар вилояти мо **1247** мактаби таълими умумӣ ва **8** мактаб – интернати махсус фаъолият мебаранд. Дар онҳо **56526** нафар педагог (**22007** нафар мардон ва **34519** нафар занон) кор мекунанд. **1012** нафари онҳо соҳиби олӣ, **4557** нафар тоифаи якум, **13477** нафар категорияи дуввум буда, **30300** нафар омӯзгор соҳиби махассуси педагогӣ мебошанд.
Моҳонаи онҳо ба ҳисоби миёна **2** миллиону **158** ҳазор сӯмро ташкил менамояд.
Дар давоми солҳои **1991–2020** ҷамъ **396** нафар педагогҳои вилояти мо бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Пайвандгари адабиёту халқҳо

М.ҶУМЪАЗОДА

Дирӯз дар Хонаи матбуоти вилоят бо шоир ва тарҷумони шинохтаи мамлакатамон Одил Икром вохӯрӣ ва тақдимоти китоби ӯ – «Хаёл мақбараси» («Мақбараи хаёл») баргузор гардид. Дар он эҷодкорони вилоят ва ҳаводорони каломи бадеъ иштирок карданд.

Роҳбари Маркази маънавият ва маърифати шаҳри Самарқанд Хуршед Нуруллоев бо суханони муқаддимавӣ ба тадбир ифтитоҳ бахшида, ҳозиронро бо зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Одил Икром шинос кард.

Сармуҳаррири рӯзномаи «Овози Самарқанд» Баҳодур Раҳмонов, дотсенти Донишгоҳи давлатии Самарқанд Наҷмия Муҳиддинова, шоираҳо Нодира Офоқова, Ойдиннисо, Зӯҳро Эшонқулова, Шоҳрух Мӯъминзода, Алишер Сабрӣ ва дигарон ба сухан баромада, оиди шеър ва тарҷумаҳои Одил Икром сухан ронданд. Баробари ҳамин, аз эҷодиёти шоир намунаҳо қироат карданд.

Дар охир Одил Икром барои чунин пазирой арзи миннатдорӣ баён намуда, ҳозиронро ба нақшаҳои эҷодии худ шинос кард. Мувофиқи гуфтаҳои ӯ дар бобати тарҷума ҳам корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Асосан шеърҳоро аз забони тоҷикӣ ба ӯзбекӣ бармегардонидааст. Аксари тарҷумаи шеърҳои Лоиқ, Гулрухсор, Мӯъмин Қаноат, Озарахш, Рустами Ваҳҳоб ва як зумра шоирони Эрон ба қалами ӯ тааллуқ доштааст. Бо саъю кӯшиши Одил Икром хонандагони ӯзбек бо асари оламшумули «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Румӣ ва ғазалҳои Мирзо Бедил баҳраманд гардидаанд.

Марҳабо, ба мушоараи адабӣ ва сӯҳбати гирди мизи мудаввар!

Рӯзи 18-уми октябри соли ҷорӣ ба муносибати **Рӯзи шаҳри Самарқанд** таҳририяти рӯзномаи “Овози Самарқанд” дар ҳамкорӣ бо шӯъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон, Садорати маданияти вилоят, Маркази миллӣ-мадании тоҷик ва тоҷикзабонони вилояти Самарқанд мушоараи адабӣ мегузаронад.
Дар доираи мушоара муаллифи шеъри беҳтарин, суруди беҳтарин ва мусаввири расми беҳтарин дар мавзӯи **“Самарқанд – гавҳари Шарқ”** аниқ гардида, бо тӯҳфаҳои қиматбаҳои ташкилотчиён сарфароз мегарданд.
Инчунин, дар ҳамкории Садорати агентии кор бо ҷавонони вилоят ва рӯзномаи вилоятии «Овози Самарқанд» дар мавзӯи **«Ҳифз ва нигоҳдории обидаҳои таърихӣ ва қадамҷойҳои шаҳри Самарқанд – вазифаи фарзандии мо»** сӯҳбати онлайн гузаронида мешавад.

Дар мушоара ва сӯҳбати гирди мизи мудаввар ҳамаи хоҳишмандон метавонанд иштирок намоянд.
Телефонҳо барои муроҷиат:
(0366)233 91 71
(0366)233 91 70
Инчунин, ба манзили телеграмии зерин метавонед бо саволҳо муроҷиат кунед:
@bahodirraxmanov
@faridun_farkhodzod

Таҳририяти рӯзномаи «Овози Самарқанд».

Китоби нав

Педагогикаи иҷтимоӣ

Б.РУСТАМЗОД

Пайваста омӯхтани педагогика барои муаллимон ва мураббиён аҳамияти калон дорад. Вай омӯзгоронро бо назария ва таҷрибаҳои беҳтарини пешқадам шинос карда, роҳҳои онро ба таври эҷодӣ меомӯзонад.

Педагогикаи иҷтимоӣ ҳамчун илми педагогӣ ва фанни мустақил дар Ӯзбекистон аз солҳои 90-уми асри гузашта дар муассисаҳои таълими олӣ омӯзонида мешавад. Ин фан дар асоси эҳтиёҷоти тараққиёти ҷамъият ва талаби иҷтимоии давлатӣ ба вуҷуд омадааст. Дар шароити амалнамоии қоидаҳои инсонпарварию низоми иҷтимоӣ, муносибати иқтисоди бозорӣ, тағйир ёфтани қоидаҳои мафкуравӣ ва ахлоқӣ, ҳалли муаммоҳои бекорӣ, норасоиҳои моддӣ, ҳангоми беназорат мондани бачаҳо ва ҳодисаҳои ғайрииҷтимоӣ аҳамияти педагогикаи иҷтимоӣ калон аст. Дар ин бобат баробари калонсолон бачагон ҳам ба он мӯҳтоҷанд.

Китоби дарсии нави «Педагогикаи иҷтимоӣ»-и устодони Донишгоҳи давлатии Самарқанд Кибриё Ҳасанова ва Малика Ҷумъазода ба омӯзиши ҳамин фан бахшида шудааст. Он барои донишҷӯёни самти педагогика ва психологияи мактабҳои олӣ пешбинӣ гардидааст. Китоб 29 мавзӯъ – ташаккули фанни педагогикаи иҷтимоӣ, зинаҳои инкишоф, асосҳои назарӣ, ҷараёни иҷтимоишавӣ ва таъсири он ба ривоҷёбии шахс, мазмуну моҳияти ин фан, намудҳои фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, шакл, усул ва воситаҳои онро дар бар гирифта, дар охир шарҳи истилоҳҳо низ дода шудааст.

Овози Самарқанд

МУАССИСОН:
Шӯрои намояндагони халқ ва ҳокимияти вилояти Самарқанд
Ovozi Samarqand - xalq deputatlari Samarqand viloyat Kengashi va viloyat hokimligining gazetasi

Сармуҳаррир
Баҳодур РАҲМОНОВ

Рӯзнома дар Садорати матбуот ва ахбори вилояти Самарқанд 2-юми июли соли 2012 таҳти рақами 09-04 ба қайд гирифта шудааст.

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Индекси обуна **419**
Рақами нашр **250**
Адади нашр **2635**
Супориши **593**
Ба чопаш соати **21.00. 9.10.2020** имзо шуд.

ⓣ -мақолаи тиҷоратӣ

Рӯзнома дар маркази компутерии «Овози Самарқанд» саҳифабандӣ ва дар ҶММ «Ношир Люкс» чоп шудааст. Сифати чоп бар ӯҳдаи матбаа аст. Манзили матбаа: шаҳри Самарқанд, кӯчаи Спитамен, 270.

НИШОНИИ МО:
140100. Шаҳри Самарқанд, кӯчаи У. Турсунов, 80.
Телефонҳо:
Қабулхона: 233-91-71, Ҷонишини сармуҳаррир: 233-91-70, Шӯъбаи реклама ва эълонҳо: 233-91-72.
E-mail: ovozisamarqand@umail.uz.

Муҳаррири навбатдор
Фаридун ЮЛДОШЕВ

Навбатдор
Наврӯз БОБОАҲМЕДОВ

Саҳифабанд
Сироҷ РАҶАБОВ

ISSN 2010-6688

Дар фурӯш нархаш озод